# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21 ноябри соли 2024, таҳти № 6**

**барои сазовор донистани Ятимов Собирҷон Рустамович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ.**

Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ дар таърихи 14-уми сентябри соли 2024, суратмаҷлиси №1 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, таҳти №185) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли таваллудаш 16.07.1988 буда, соли 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст. Аз соли 2018 то сoли 2024 унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад. Мавзуи рисолаи илмии Ятимов Собирҷон Рустамович дар шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти суратмаҷлиси №2 аз 25.09.2017 тасдиқ гардида, санаи 29.11.2022, суратмаҷлиси №4 номи мавзуъ иваз карда шуда, бо ҳамин ном пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Солиҷонов Расулҷон** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд;

**Имомалиева Раногул Мамадалиевна** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Сулаймонов Б.С омода шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Маҷидов Д.Ҳ. ба

филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ” аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси мутахассис аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ буданаш ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович алоқамандии зич доранд.

Ятимов Собирҷон Рустамович оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ таҳия намудааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

[1 - М]. Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ҳамчун институти ҷамъиятию сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. - №7. – С. 301-305. ISSN 2413-5151.

[2 - М]. Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. - №8. – С. 277-280. ISSN 2413-5151.

[3 - М]. Ятимов С.Р. Таъсири матбуоти даврӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №1. – С. 317-321. ISSN 2413-5151.

[4 - М]. Маҳмадизода Н.Д., Ятимов С.Р. ВАО ҳамчун воситаи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №.6.1. – С.124 – 129.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаи конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд:**

[5 - М]. Ятимов С.Р. Нақш ва мақоми матбуоти даврӣ дар ташаккули плюрализми сиёсӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (ш.Кӯлоб, 26-27 апрели соли 2019). – Душанбе, 2018. – С. 218-220.

[6 - М]. Ятимов С.Р. Пешвои миллат ва рушди илму маориф // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ, 25 солагии Конститутсияи ҶТ ва 22 солагии Вахдати миллӣ дар мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугуӣ тамаддунҳо дар замони муосир» (ш.Бохтар, 17-18 майи соли 2019). - Бохтар, 2019. – С. 108-110.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақриз навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Абилзода Гуландом** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат аст, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- Дар автореферат мавридҳои зиёде ҷой доранд, ки дар он танҳо нақши ВАО дар раванди маъракаҳои сиёсӣ нишон дода шудааст. Хуб мешуд, агар дар баробари баррасии ин масъалаҳо, инчунин масъалаҳои дигар иҷтимоӣ низ таҳлил карда меушаданд.
- Дар автореферат баъзан хатогиҳои техникӣ низ дида мешаванд. Масалан, дар саҳифаи 32 муаллиф Л.Н. Федотова ишора шуда, дар иқтибос бошад Филатова О.Г омадааст. Ба ҳамин монанд калимаи оммавӣ дар бисёр маврид оммавӣ навишта шудааст.

**Раҳматов Убайдулло** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, тақриз мусбат аст, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- Ҳангоми нишон додани фишурдаи диссертатсия дар боби 1-ум муаллифро зарур буд, ки ба паҳлуҳои иҷтимоӣ – фалсафии ВАО бештар диққат медоданд.
- Дар зербоби сеюми боби дуюми автореферат муаллиф нақши рӯзномаи "Ҷумҳурият" баррасӣ намуда, таъсир ва ҷойгоҳи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла Интернетро нишон надодааст.

**Гиёев Қурбон** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз мусбат аст, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- Дар дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии автореферат, муаллиф омӯзиши ВАО-ро дар асару рисолаҳои муҳаққиқони ватанӣ нишон дода, аммо дар матни диссертатсия иқтибос аз онҳо кам нишон дода шудааст.
- Дар дараҷаи таҳқиқот ва § 1 боби 1-ум ҳангоми баррасии масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи ВАО муаллиф давраҳои гуногуни

таърихӣ ва таълимоти файласуфони гузаштаро таҳлил накарда, таҳқиқотро танҳо аз соли 1912 оғоз намудааст.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъӣ дошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- масъалаи таъсири ВАО ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, нақши он дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ба рафтори интихоботии шаҳрвандон ба таври маҷмуӣ **коркард карда шудаанд**;

**исбот карда шуд**, ки дар шароити имрӯза аз тариқи баъзе воситаҳои иттилоотӣ маълумот ва ахбори номатлуб паҳн мешаванд, ки боиси ташаккулёбии афкори тундрав ва иртиҷоӣ миёни гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ гардида, омили мазкур нақши ВАО ва матбуоти давриро дар ташаккули афкори манфӣ ба маротиб боло мебардорад;

**қайд карда мешавад,** ки ВАО новобаста аз шакли ташкилӣ, моликият ва мансубият, манфиатҳои ҷомеаро дар маҷмуъ, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, шахсони алоҳида ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсиро ифода менамояд;

**пешниҳод карда мешавад,** ки дар шароити имрӯза ВАО ба сифати яке аз воситаҳои асосии тарғибот баромад менамояд, чунки тарғибот ин воситаи асосии пешниҳоди нуқтаи назар, барномаҳои муайян, қонуну қарорҳои давлатӣ ва дигар маҳсулоти сиёсӣ мебошад. Пас, ВАО воситаи асосии паҳн намудани ин маҳсулоти сиёсӣ байни аҳолӣ ва дигар субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ба ҳисоб меравад;

**муайян карда шуд,** ки рӯзномаву маҷаллаҳо равандҳои бозсозиии ҷомеаро таҷассум намуда, барқарор намудани арзишҳои миллиро пешниҳод менамоянд ва дар муборизаҳои сиёсӣ нақши назаррас доранд. Дар ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ рӯзномаву маҷаллаҳо нақши муҳим доранд. Аксарияти ашхос, бахусус ҷавонон, бо мутолеаи рӯзномаву маҷаллаҳо муносибати худро ба низоми мавҷуда тағйир медиҳанд. Маҳз дар натиҷаи таъсири ВАО ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар байни аҳолӣ тарафдорони худро пайдо намудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба дастовардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матбуоти даврӣ ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣзамина гузорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи таъсири ВАО дар раванди таълими фанҳои алоҳидаи ихтисосҳои фалсафа ва курсҳои махсуси ҷомеашиносӣ метавон истифода намуд.

таъсиррасонанда ба равандҳои сиёсӣ мақоми махсус дорад. Дар осори намояндагони мактабҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақа ва аксари кишварҳои ҷаҳон мавзуи мақоми ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, **баён кардаанд**.

Ба таври маҷмуавӣ ҷанбаҳои илмӣ - назариявии ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҳлил гардида, нақш ва мақоми он дар ҷомеа **муайян карда шудааст.**

Ҷанбаҳои мухталифи ВАО, ҷомеаи иттиллоотӣ ва нақши мусбату манфии шабакаҳои иҷтимоӣ дар асару рисолаҳои муҳаққиқон А.Ш. Қурбонов, Р.Назаров, Х.Усмонзода, Р.Ҳайдаров, Н.Д. Маҳмадизода, А.И. Муминов, Х.Сафарализода, С.С. Ятимов, И.К. Усмонов С.Олимова ва М. Олимов **омӯхта шудаанд.** Технологияи пешниҳоди иттилоот дар ВАО дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони Федератсияи Россия – С. Москович, П. Шампаня, Ю. Левада, Г. Феоктистов, Г. Грачев, С. Кара-Мурза, Д. Ротман, И. Мельник, Е.В.Алексеев, М.Д. Березинская, А.Ю Азаров ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. А.А. Грабелников, С.Г.Корконосенко, В.А. Сидиров, Э.Д. Дагбаев ва дигарон асосҳои сотсиологии воситаҳои ахбори омма, фарҳанги сиёсии ВАО, шаклҳои таъмини робитаҳои сиёсиро тавасути матбуот омӯхтаанд.

**Пешниҳод гардид**, ки дар шароити муосири Тоҷикистон, ки давраи мураккаб ва пурихтилофро паси сар менамояд, мавҷудият ва фаъолияти ВАО аҳамияти бузургро касб намудааст. Дар тамоми ҳодисаву воқеаҳои сиёсӣ иштирок намуда, ВАО бевосита манфиатҳои сиёсӣ ва ақидаи одамонро инъикос менамоянд, ба рафтори онҳо таъсир мерасонанд ва шаклҳои иштирок дар сиёсатро ташаккул медиҳанд. Нишондиҳандаи муҳими муайян намудани самаранокӣ ва амалнокии фаъолияти ВАО сатҳи қонеъ гардонидани шавқу рағбати аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза натиҷаҳои воқеӣ бо таъсири доимии технологияҳои коммуникатсионӣ иваз карда мешаванд, ки ба руйпуш намудани барномаҳои амалинагардида ва шиору ваъдаҳо оварда мерасонад ва одамонро аз сабабҳои воқеии вазъияти душвори онҳо ва мушкилоту проблемаҳои доимӣ дур менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бо усули муносибати муназзам, инчунин бо таҳлили шароитҳои объекти таҳқиқот, маҷмуи методҳои таҳлилӣ, диалектикӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ, миқдорӣ, мушоҳидавӣ, муносибати масъалагузорӣ-мавзӯӣ ва таҳлили мундариҷавӣ муайян мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва

таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Ятимов Собирҷон Рустамович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шурои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**

21 ноябри соли 2024